«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
_____
«___» майи соли 2022.

ХУЛОСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Сафарова Наргис Сайфуддиновна дар мавзуи **«Саидҷон Ҳакимзода ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори ӯ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст. Кори диссертатсионӣ дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Сафарова Наргис Сайфуддиновна соли 1988 факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии педагогии шаҳри Кӯлобро бо ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, аз соли 1988 то соли 1998 дар мактаби миёнаи №6-и ноҳияи Фархор, аз соли 1999 то соли 2001 дар мактаби миёнаи №49-и шаҳри Душанбе ва аз соли 2002 то соли 2015 дар мактаби миёнаи №30-и шаҳри Душанбе, аз соли 2015 то соли 2016 дар литсейи «Эҳсон»-и ноҳияи Рӯдакӣ, аз соли 2016 то соли 2019 дар МТМУ №30-и шаҳри Душанбе ба ҳайси муаллими забон ва адабиёти тоҷик ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул шудааст. Аз соли 2016 то соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Ӯ аз соли 2019 то ба ин замон ба ҳайси муаллими калони кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул аст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ Кӯчарзода Аламхон мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар таърихи 06.12.2016 бо қарори №4 тасдиқ карда шудааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 10 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

Диссертатсияи Сафарова Наргис Сайфуддиновна дар мавзуи «Саидҷон Ҳакимзода ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори ӯ» дар ҷаласаи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 18 майи соли 2021, суратҷаласаи №14 баррасӣ ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо иштироки муқарризони холис – доктори илми филология, профессор Исрофилниё Шарифмурод ва номзади илми филология, дотсент Нозимова Гулрухсор муҳокима гардид. Аз маърузаи унвонҷӯ, суолу ҷавоб, баромади муқарризони холис ва муҳокимаи диссертатсия

чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Дар нимаи дуюми садаи XX ва замони истиқлол адабиёти тоҷик ҳарчи бештар хусусияти миллӣ касб карда, дар ин марҳила дар доираҳои адабию фарҳангӣ ва шаклу муҳтавои осори адабӣ тағйирот ва таҳаввулоти зиёде ба амал омада, зуҳури ҷунбиши хоссаи фикрӣ дар назми ин давра аз ҷумлаи чунин дигаргуниҳост. Аз ин рӯ, таҳқиқи густардаи чунин дигаргуниҳоро яке аз вазифаҳои муҳимми илми адабиётшиносӣ маънидод намудан мумкин аст. Дар диссертатсияи Сафарова Наргис баррасии ҳаёту эҷодиёти Саидҷон Ҳакимзода ва таъйини саҳми шоир дар рушди адабиёту фарҳанги миллӣ аз ҷумлаи **масъалаҳои мубрами таҳқиқӣ ва вазифаҳои муҳимми илми адабиётшиносӣ** арзёбӣ шудааст.

Дар ҳақиқат, Саидҷон Ҳакимзода аз оғози фаъолияти эҷодӣ бо тарзу равиши хос ва мавзую мундариҷаи баргузида осори гаронбаҳое аз худ ба мерос гузошта, мутаассифона, ҳаёт ва фаъолияти эҷодии шоир ниҳоят кам мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, аз ҷониби Наргис Сафарова дар шакли диссертатсия ба таҳқиқ гирифтани ҳаёту эҷодиёти Саидҷон Ҳакимзода ва баррасии паҳлуҳои мавзуӣ ва

ҳунарии ашъори ӯ аз мубрами мавзуи таҳқиқии кори диссертатсионии ӯ гувоҳӣ медиҳад.

Мақсади аслии таҳқиқи диссертатсионӣ ва вазифаи аввалиндараҷаи муаллифи он ба таҳлилу баррасӣ гирифтани ҳаёту эҷодиёти Саидҷон Ҳакимзода ва таъйини мақому нақши ӯ дар ташаккули шеъри тоҷикии давраи нав буда, барои расидан ба ин ҳадафҳо иҷрои **вазифаҳои зерин** зарур ҳисобида шудааст:

- маълумоти мухтасар оид ба зиндагиномаи адиб;
- муайян намудани мероси адабии Саидҷон Ҳакимзода;
- баррасии осори публитсистии адиб;
- таҳлилу таҳқиқи мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори шоир;
- ба сифати мавзуъҳои асосӣ баррасӣ намудани ашъори ба Ватан, сулҳу ваҳдат, панду ҳикмат ва ишқу муҳаббат бахшидаи шоир;
- таъйини вижагиҳои жанрӣ ва услубии ашъори Саидҷон Ҳакимзода;
- баррасии ҳунари шоирии Саидҷон Ҳакимзода.

Муаллиф ба ҳимоя **нуктаҳои асосӣ** ва меҳвариеро пешниҳод намудааст, ки дар илми адабиётшиносӣ арзиш ва аҳаммияти зиёд доранд.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир меёбад, ки перомуни эҷодиёти Саидҷон Ҳакимзода то кунун таҳқиқи монографӣ сурат нагирифтааст. Диссертатсияи мавриди назар дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи мукаммалу муфассал доир ба зиндагинома, мероси адабӣ ва вижагиҳои сабкию бадеии ашъори Саидҷон Ҳакимзода маҳсуб меёбад.

Таҳқиқи диссертатсионии мазкур аз ҷиҳати масъалагузориҳо, мавзуи интихобшуда, метод ва равишҳои таҳқиқ ва натиҷагириҳо **аҳаммияти махсуси илмӣ** дорад.

Баррасии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулоса ва тавсияҳо, таҳлилу нақди ашъори шоир, муҳокимаю далелсанҷиҳо, асосноккунии назария ва андешаҳои баёншуда, маърӯза дар маҳфилу конференсияҳо ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия аз **саҳми шахсии довталаб** дар таҳқиқ гувоҳӣ медиҳанд.

Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқ аз **методҳои** муқоисавӣ–таърихӣ, омӯзиши типологии жанрҳо ва консепсияи таҳлилу таҳқиқи асари бадеӣ истифода намуда, ба таҷриба ва дастовардҳои илмию методии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ такя кардааст.

Арзиши назариии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки маводи дар ин диссертатсия фароҳамомада ва хулосаҳои он дар омӯхтани таърихи адабиёти давраи нави тоҷик ва баррасии ҷараёни такомули шеъри тоҷикии нимаи дуюми садаи XX барои адабиётшиносон ва дигар мутахассисони адабиёту фарҳанги тоҷик метавонад ҳамчун маводи илмӣ ёрӣ расонад. Маводи назарии диссертатсия, тавсияҳо ва хулосаҳои унвонҷӯ ҷанбаҳои назарии омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти дигар адибонро дар адабиёти давраи нав таҳвият мебахшад.

Арзиши амалии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки мавод ва натиҷагириҳои таҳқиқро ҳангоми таълифи мақола, диссертатсияҳои илмӣ оид ба омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти адибони муосири тоҷик ва давраи Истиқлолияти давлатӣ, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсиву васоити таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо, омода намудани матни лексияҳо аз таърихи адабиёти тоҷик, курс ва семинарҳои махсус, таълифи корҳои курсию рисолаҳои хатму магистрӣ дар мактабҳои олӣ истифода бурдан мумкин аст.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодгардида ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат менамояд.

Диссертатсия дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таълиф шуда, дар асоси ин нақша марҳила ба марҳила иҷро гардидааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Хулоса, шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кори диссертатсионии Сафарова Наргисро кори илмӣ-таҳқиқии муҳим ва арзишманд меҳисобад. Диссертатсия ва автореферати Сафарова Н.С. дар мавзуи «Саидҷон Ҳакимзода ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат дошта, шурои олимон дар асоси тақризҳои мусбат ва баромади муқарризони холис – доктори илми филология, профессор

Исрофилниё Шарифмурод ва номзади илми филология, дотсент Нозимова Гулрухсор онро барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: 25 нафар аъзои шурои олимон.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 25 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 9 аз 28.04.2022.

Раиси шурои олимон,
доктори илми филология,
профессор Сироҷиддини Эмомалӣ.

Мукарризони холис:
доктори илми филология, профессор,
мудири кафедраи методикаи таълими
забон ва адабиёти ДДОТ ба номи
С. Айнӣ Исрофилниё Ш.

номзади илми филология, дотсенти
кафедраи таърихи адабиёти тоҷики
факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Нозимова Г.

Котиби илмии шуро, дотсент Мавлонзода Ш.

Имзоҳои С. Эмомалӣ, Г. Нозимова ва
Ш. Мавлонзодаро «тасдиқ мекунам»:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10
E-mail: info@tnu.tj

«7» майи соли 2022

Имзои Ш. Исрофилниёро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Назаров Д.

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: +992(37) 224-13-83; +992(37) 224-18-01.
E-mail: info@tgpu.tj; davlatxon-1986@mail.ru
«7» майи соли 2022.